# Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶумҳурииТоҷикистон

## **Фармоиш**

аз «1» сентябри соли 2014, №263 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Барномаи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон

Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани фаъолияти идоракунӣ ва баҳодиҳӣ ба сифати таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Барномаи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Директори Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ - методӣ ва мониторинги сифати таълим»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Табаров Т. фаъолияти муассисаро дар ин самт мутобиқи Барномаи мазкур ба роҳ монад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Вазир Мирзоев А. Н. гузошта шавад.

Вазир С. Тағойзода

# Барномаи идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон

## Тавсифи умумӣ

**Сифати таълим** - ин қобилияти амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ ва бадастории сатҳи маърифатнокии хонандагон ва касбомӯзон аст, ки ба талаботи истифодабарандагони натиҷаи таълим ҷавобгӯ мебошад.

**Идоракунии сифати таълим** - ин таҳия ва татбиқи маҷмӯи чорабиниҳоест, ки имконият фароҳам меоварад, то ба таври самаранок хизматрасониҳои таълимӣ ба чунин сатҳи сифатнокие расонида шаванд, ки мувофиқати натиҷаҳои таҳсилотро ба талаботи истифодабарандагони он таъмин созад.

Барои таъмини низоми идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои таълимии соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ барномаи бисёрзинагӣ таҳия карда мешавад ва он фаъолиятро дар самтҳое фаро мегирад, ки назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот танҳо як ҷузъи таркибии он бошад.

Иҷрои барнома аз ҷониби тамоми воҳидҳои сохторӣ, ҳайати роҳбарият ва омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолии муассисаи таълимӣ таъмин карда шуда, ҳамоҳангсозии корро дар ин самт муовини роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба такшили раванди таълим ва идоракунии сифати таҳсилот (мухтасаран: муовин оид ба таълим ва сифат, муовин оид ба корҳои таълими истеҳсолӣ) тавассути шуъба (бахш, гурӯҳ)-и идоракунии сифати таҳсилоти ин муассиса амалӣ месозад. Амалӣ сохтани барномаи бисёрзинагии идоракунии сифати таҳсилот ба принсипҳои муайян асос меёбад.

## Усулҳои асосии идоракунии сифати таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон

1). Идоракунии сифати таҳсилот бояд дар доираи банақшагирӣ ва мониторинг маҳдуд нагардад.

2). Низоми идоракунии сифати таҳсилот бояд тағйирпазир, кушода ва сервариант бошад.

3). Ваколат ва вазифаҳо дар идораи сифати таълим бояд байни тамоми ширкаткунандагони раванди таълим тақсим гардида, ваколатҳо бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ тасдиқ карда шаванд.

4). Идоракунии сифати таълим бояд бе бюрократикунонии иловагии раванди таълим ба роҳ монда шавад.

5). Бонизомӣ, татбиқи мукаммали вазифаҳои идоракунӣ, ташкили зинагии идоракунии сифати таълим, робитаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ, идомаи анъанаҳо ва ғайра дар тамоми марҳилаҳои амали низоми идоракунӣ риоя карда шаванд.

6). Сифат дар низоми болоии таҳсилот бояд сифати низомҳои поёнии таҳсилотро фаро гирад. Низоми идоракунӣ дар ин маврид чунин зинаҳоро аз боло ба поён дар бар мегирад:

- муассисаи таълимӣ дар маҷмӯъ;
- барномаҳои таълимӣ (ихтисос, шуъба);
- силсилаи фанҳо;
- фанҳои алоҳида (омӯзгор, устои таълими истеҳсолӣ) ва хонанда (касбомӯз).

7). Идоракунии сифати таҳсилот дар ду самт бояд сурат гирад:

- таъмини сифат;
- рушди сифат.

Таъмини сифат барои татбиқи ҳадафҳои меъёрӣ, истифодаи самараноки иқтидори таълимии мавҷуда, бавуҷудории муҳити босифати таълимию касбӣ ва бадастории натиҷаҳои сифатноки таълим равона шудааст. Рушди сифат зиёдкунии иқтидори таълимии мавҷуда ва болобарии самаранокии онро аз ҳисоби татбиқи навовариҳо, такмили сифати муҳити таълимию касбӣ ва натиҷаҳои таълим дар назар дорад.

8).Сатҳи эъломшудаи сифати таҳсилот бояд ба истифодабарандагони маҳсули муассисаи таълимӣ кафолат дода шавад.

9). Сифати таҳсилот бояд ба талаботи тамоми субъектҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон ҷавобгӯ бошад:

- хонанда (касбомӯз) таҳти мафҳуми сифат чунин таҳсилотеро дар назар дорад, ки барои рушди иқтидори шахсӣ ва болобарии ӯ дар зинаҳои вазифаи хизматӣ нигаронида шудааст;
- кордиҳанда чунин корманди босалоҳиятеро баъди таҳсилот интизор аст, ки аз рӯзҳои аввали фаъолияташ бояд вазифаҳояшро босифат иҷро карда тавонад;
- давлат аз таҳсилот мутахассиси бомаҳорат ва шаҳрванди аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бомасъулиятро нигарон аст;
- ҷомеа ба он манфиатдор аст, ки мутахассиси бомаҳорат ба фаъолияти иҷтимоии эҷодкорона низ омода бошад.

10). Идоракунии сифати таҳсилот бояд ба тарбияи чунин мутахассиси хатмкардаи муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва таълими калонсолон касбӣ равона карда шавад, ки дониши амиқи назариявӣ, маҳорати баланди касбӣ, қобилияти муоширати бо ҳамкасбон ва ба тарафи худ ва андешаи худ кашидани мардумро дошта, дар фаъолияти ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, робита бо мардум фаъол ва барои иҷрои нақши касбӣ ва иҷтимоии худ дар ҷамъият омодагии ҳамаҷониба бошад.

**Зинаҳои асосии Барномаи идоракунии сифати таълим**

1). Таҳқиқи вазъи таълим дар муассисаи таълимӣ ва омӯзиши бозори меҳнат.

2). Ташкил ва такмили идоракунии муассисаи таълимӣ.

3). Ташкили робитаҳои мутақобила байни муассисаи таълимӣ ва истифодабарандагони маҳсули ин муассиса, корҳои таблиғотӣ.

4). Ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, курсҳои тайёрӣ ва қабули хонандагон (касбомӯзон) ба муассиса.

5). Банақшагирии муҳтавои таълим, коркард ва иҷрои барномаҳои таълимӣ, таъмини методӣ ва моддии раванди таълим, таъмини фаъолияти илмию методӣ.

6). Ташкили таҷрибаомӯзии хонандагону касбомӯзон.

7). Таъмини раванди таълим бо кадрҳо.

8). Ташкили усулҳои нави таълим, ҳавасманд сохтани таълимгирандагон барои таҳсилоти босифат.

9). Назорати сифати таълим.

10). Таҳия ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба бартараф сохтани камбудиҳо ва болобарии минбаъдаи сифати таълим.

## Тафсири зинаҳои асосии Барномаи идоракунии сифати таълим

### Намунаи таҳқиқи вазъи таълим бо истифода аз нишондиҳандаҳои рейтингӣ

| р/т | Нишондиҳанда | Воқеӣ |
|---|---|---|
| 1. | Меъёрҳои умумӣ: | |
| 1.2. | Мавҷудияти шартнома оид ба ҳамкорӣ бо корфармо | |
| 1.3. | Теъдоди хонандагон (касбомӯзон), ки дар дархости кордиҳандагон дарҷ гардида, барои таҳсил аз рӯйи барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ , ки муассисаи таълимӣ амалӣ менамояд, қабул шудаанд (нафар) | |
| 1.4. | Миқдори барномаҳои таълимии амалишаванда (адад) | |
| 1.5. | Номгӯи касбҳо ва ихтисосҳое, ки тибқи таҳсилоти ибтидоии касбӣ тайёр карда мешаванд (адад) | |
| 1.6. | Миқдори барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон | |
| 1.7. | Миқдори гурӯҳҳо (пуррагардонии онҳо) | |
| 1.8. | Теъдоди умумии хонандагон, касбомӯзон (нафар) | |
| 1.9. | Иқтидори лоиҳавии муассисаи таълимӣ (тибқи иҷозатнома), (нафар) | |
| 1.10. | Мавҷудияти сохторҳои таркибӣ (воҳидҳои сохторӣ) | |
| 1.11. | Мавҷудияти барномаи рушди муассисаи таълимӣ | |
| 2. | Шароити таҳсил дар муассисаи таълимӣ | |
| 2.1. | Теъдоди омӯзгорони доимӣ (нафар) | |
| 2.2. | Теъдоди омӯзгоронии ҳамкор (нафар) | |
| 2.3. | Теъдоди устоҳои таълими истеҳсолӣ (нафар) | |

| | | |
|---|---|---|
| 2.4. | Теъдоди кормандони муҳандисию омӯзгории доимӣ, ки аз такмили ихтисос гузаштаанд | |
| 2.5. | Теъдоди умумии (доимӣ ва ҳамкор) кормандони муҳандисию омӯзгорие, ки дорои таҳсилот мебошанд: | |
| | олии касбӣ | |
| | миёнаи касбӣ | |
| | ибтидоии касбӣ | |
| 2.6. | Теъдоди умумии (доимӣ ва ҳамкор) кормандони муҳандисию омӯзгорие, ки дараҷаи тахассусӣ доранд (нафар): | |
| | олӣ | |
| | якум | |
| | дуюм | |
| | дараҷаи тахассусӣ надорад | |
| 2.7. | Теъдоди умумии (доимӣ ва ҳамкор) кормандони муҳандисию омӯзгорие, ки собиқаи кори омӯзгорӣ доранд: | |
| | то 5 сол | |
| | аз 5 то 10 сол | |
| | аз 10 то15 сол | |
| | аз 15 то 20 сол | |
| | зиёда аз 20 сол | |
| 2.8. | Теъдоди умумии (доимӣ ва ҳамкор) кормандони муҳандисию омӯзгорие, ки синну солашон: | |
| | то 30-сола | |
| | аз 30 то 40-сола | |
| | аз 40 то 50-сола | |
| | аз 50 то 60-сола | |
| | аз 60-сола боло | |
| 2.9. | Теъдоди умумии кормандони муҳандисию омӯзгории доимие, ки дорои мукофотҳои давлатӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ мебошанд (нафар) | |
| 2.10. | Теъдоди кормандони муҳандисию омӯзгории (доимӣ ва ҳамкор) дорои дараҷаи илмӣ (нафар) | |
| 2.11. | Мавҷудияти омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолие, ки дар озмунҳои устодони касб сазовори ҷойҳои ҷоизавӣ гардидаанд | |
| 2.12. | Аз ҷониби кормандони муассисаи таълимӣ чанд мақола ба табъ расидааст (ҷузъи чопӣ) | |
| 2.13. | Шумораи умумии компютерҳое, ки дар раванди таълим истифода мешаванд (адад) | |

| | | |
|---|---|---|
| 2.14. | Миқдори фонди китобхона (адад): | |
| | таълимӣ | |
| | илмӣ - омӯзгорӣ, методӣ | |
| | бадеӣ | |
| | номгӯи матбуоти даврӣ | |
| 2.16. | Миқдори умумии маҳфилҳо ва (ё) машғулиятҳои факултативии берун аз нақшаи таълимӣ | |
| 3. | Раванди таълим дар муассисаи таълимӣ: | |
| 3.1. | Татбиқи технологияҳои нави таълим | |
| 3.2. | Иштирок дар чорабиниҳои шаҳрӣ (ноҳиявӣ) (адад): | |
| | озмунҳои ҷумҳуриявӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ)-и устодони касб | |
| | олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ), аз ҷумла фанҳои умумитаълимӣ ва (ё) фанҳои тахассусӣ | |
| | намоишҳо | |
| | чорабиниҳои варзишӣ | |
| 3.3. | Мавҷудияти мақомотҳои ҷамъиятии идоракунии муассисаи таълимӣ, шӯрои сарпарастон ва ғайра | |
| 3.4. | Мавҷудияти мақомоти худидоракунандаи хонандагон (касбомӯзон) | |
| 3.5. | Иштирок дар барномаҳои таълимии байналмилалӣ (бо ҳуҷҷатҳои мушаххас тасдиқшаванда) | |
| 4. | Натиҷаи фаъолияти муассисаи таълимӣ | |
| 4.1. | Теъдоди хонандагоне, ки курси пурраи таълимро хатм намудаанд (ҷамъ аз рӯйи ҳамаи барномаҳои таълимӣ) (нафар) | |
| 4.2. | Теъдоди хонандагон, ки зинаи аввали таълимро хатм намудаанд (нафар) | |
| 4.3. | Теъдоди хонандагоне, ки бо сабабҳои гуногун хориҷ шудаанд | |
| 4.4. | Теъдоди хатмкунандагоне (хонандагоне ва (ё) касбомӯзоне), ки бо кор таъмин шуданд | |
| | ба сафи артиш даъват шуданд | |
| | ба рухсатии дарозмуддат рафтаанд | |
| | ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ё олии касбӣ дохил шуданд ( нафар) | |
| 4.5. | Теъдоди хонандагоне, ки муассисаи таълимиро бо дипломи аъло хатм намуданд (нафар) | |
| 4.6. | Ҷоизадорони озмунҳои устодони касб | |
| 4.7. | Теъдоди хонандагоне (касбомӯзон), ки дар озмунҳои касбӣ | |

| | | |
|---|---|---|
| | иштирок намудаанд (нафар) | |
| 4.8. | Теъдоди шахсони калонсоле, ки тайёрии касбиро (бозомӯзиро) гузаштанд (нафар) | |
| 4.9. | Миқдори ҷойҳои ҷоизавӣ, ки дар мусобиқаҳои варзишӣ ба даст омадааст | |
| 5. | Кори методӣ дар муассисаи таълимӣ: | |
| 5.1. | Вазифа, мазмун ва банақшагирии кори Шӯрои омӯзгорон | |
| 5.2. | Фаъолияти кабинети методӣ (нақшаи корӣ, вазифа, мазмун ва шакли кор,ҷиҳозонидани кабинет) | |
| 5.3. | Вазифа ва мазмун ва банақшагирии кори комиссияҳои методӣ (фаннӣ) | |
| 5.4. | Дарсҳои кушод ва ба дарсҳои якдигар иштирок кардани кормандони муҳандисию омӯзгорӣ (таҳлил, баҳодиҳӣ ва пешниҳодҳо) | |
| 6. | Самарнокии фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаи таълимӣ: | |
| | нишондодҳо ба ҳолати то 1 январи сол (ҳазор сомонӣ) | |
| | миқдори умумии маблағҳои воридшуда | |
| | миқдори умумии маблағҳои сарфшуда | |
| | даромад аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар манбаъҳои иловагӣ | |
| 7. | Динамикаи рушди муассисаи таълимӣ (дар муқоиса бо нишондодҳои солҳои гузашта) | |
| 7.1. | Ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии нав | |
| 7.2. | Тайёр кардани кадрҳои коргарӣ аз рӯйи касбҳои нави таҳсилоти ибтидоии касбӣ | |
| 7.3. | Пуррагардонии захираи китобхона бо адабиёти тахассусӣ | |
| 7.4. | Дастрас намудани технологияи компютерӣ | |
| 7.5. | Дастрас намудани таҷҳизоти нави таълимӣ | |
| 7.7. | Таҷдиди заминаи таълимӣ - методӣ, таълимӣ- истеҳсолӣ ва моддӣ-техникӣ | |
| 7.8. | Иштирок дар лоиҳаҳои инноватсионӣ | |

## Намунаи таҳқиқи вазъи таълим бо истифода аз меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон

| р / т | Нишондиҳандаҳо | Литсеҳои касбӣ | Маказҳои таълими калонсолон |
|---|---|---|---|
| 1. | Теъдоди хонандагон (касбомӯзон) | На камтар аз 220 нафар | Тибқи нақша |
| 2. | Масоҳати таълимӣ ва лабораторӣ барои як | На камтар аз 4 метри мураббаъ | На камтар аз 2 метри мураббаъ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | хонанда (касбомӯзон) | | |
| 3 | Фоизи омӯзгорони доимӣ (штатӣ) | 70% | |
| 4. | Таъминоти кадрӣ:<br>-омӯзгорони пешбар (дараҷаи олӣ ва якум);<br>-омӯзгорони дорои тахассуси умумӣ (дараҷаи 2 ва бедараҷа) | 66%<br>34% | |
| 5. | Фоизи устоҳои таълими истеҳсолӣ (штатӣ) | 80% | |
| 6 | Таъминоти кадрӣ:<br>-устоҳои таълими истеҳсолии дорои дараҷаи тахассусии якум;<br>-устоҳои таълими истеҳсолии дорои дараҷаи тахассусии дуюм ва бедараҷа | 66%<br>34% | |
| 8 | Теъдоди омӯзгорони (устои таълими истеҳсолии) ҷавон (то 35-сола) | На кам аз 10% | |
| 9 | Фоизи омӯзгороне (устои таълими истеҳсолии), ки аз такмили ихтисос (бозомӯзӣ) гузаштанд | 20% | |
| 10 | Таъминот бо адабиёти таълимӣ- тахссусӣ, методӣ ва бадеӣ | 70%<br>30% | 70%<br>30% |
| 11 | Миқдори ҷойҳои нишаст дар қироатхона | На кам аз 40 ҷой | На кам аз 20 ҷой |
| 12 | Теъдоди хонандагон дар гурӯҳҳои таълимӣ | Рӯзона 15 - 20 н. | Рӯзона 15 - 20 н. |
| 13 | Шумораи нашри мақолаҳо ва дастурҳои илмӣ-методӣ дар як сол | То 5 номгуй | То 2 номгуй |
| 14 | Вақти мошини компютерӣ барои як хонанда (касбомӯз) дар як сол | 40 соат | |
| 15 | Шумораи компютерҳо ба 100 нафар хонанда | 10 дона | |
| 16 | Миқдори хате, ки ба сети Интернет васл мебошад | 3 | 1 |
| 17 | Сарбории хонандагон дар як ҳафта | 42 соат | 36 соат |
| 18 | Фоизи хатмкардагоне, ки имтиҳоноти хатмкунии тахассусиро бо баҳои хуб ва аъло супориданд. | На кам аз 60% | На кам аз 60% |
| 19 | Сатҳи дониши хонандагон (касбомӯзон) аз рӯи | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | санҷишҳои комиссияи аттестатсионӣ | 70% | 50% |

1) Идоракунии сифати таълим бо истифода аз нишондиҳандаҳои рейтингӣ ва меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва таълими калонсолон имкон медиҳад, ки амалиёти зарурии идоракунӣ аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таълимӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷуда, рафъи нишондиҳандаҳои ба талабот номувофиқ ва болобарии сифати таҳсилот интихоб карда шавад.

2) Омӯзиши мақом ва нуфузи муассисаи таълимӣ дар байни муассисаҳои таълимии дигари ҳамин сатҳ (дар сатҳи ҷумҳурӣ, шаҳр ва ноҳия).

3) Таҳлили майлу рағбати хонандагон (касбомӯзон) ва волидон ба таълими ин ё он ихтисос, касбҳои иловагӣ, афзалият додани хонандагон (касбомӯзон) волидон ба самтҳои муайяни касбӣ.

4) Омӯзиши талаботи бозори меҳнати дохилию хориҷӣ ба ихтисосу касбҳои мавҷуда ва касбҳои нави ба талабот ҷавобгӯ.

**Намунаи омӯзиши талаботи бозори меҳнат**

Муайянсозии нишондиҳандаҳои сифатии бозори меҳнат, тамоюлот дар он, таҳлили тағйироти иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва омилҳои дигар дар минтақаи муайян;

Омӯзиши ҳаҷми воқеӣ ва иқтидори бозори меҳнат дар минтақаи муайян, талаботи он ба қувваи корӣ;

Таҳлили рақобатпазирии муассисаи таълимӣ дар бозори меҳнат ва дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ;

Муайянсозии ҳадди ақал ва аксари маоши касбҳои коргарӣ, ҷубронпулиҳо, имтиёзҳо дар маҳал, минтақа ва кишварҳои ҳамсоя;

Таҳлили имконоти корхона ва ташкилоти дахлдор барои қабул ба ҷойхои кории холии мавҷуда, ташкилёбанда ва ғайра.

**Такмили идоракунии муассисаи таълимӣ**

1) Такмили сохтори идоракунии муассиса аз рӯи модулҳо:
- модули идоракунӣ; модули самтгирии касбӣ;
- модули таълимӣ; модули кадрию методӣ;
- модули иттилоотонӣ; модули тарбиявӣ;
- модули арзёбии фаъолият; модули таҷрибаи истеҳсолӣ;
- модули хоҷагию молиявӣ ва ғайра.

2) Такмили идоракунии захираҳо.

3) Такмили усул ва шартҳои харидории таҷҳизот ва маводи таълимӣ.

4) Ташкил ва такмили идоракунии сифати таълим:
- муайянсозии стратегия ва ҳадафҳо дар самти таъмини сифати таҳсилот;
- банақшагирии идоракунӣ ва болобарии сифати таҳсилот;

- ташкили низоми таъмини сифати таҳсилот;
- таҳлили мунтазами сифати таҳсилот.

**Ташкили робитаҳои мутақобила байни муассисаҳои таълимӣ ва истифодабарандагони маҳсули ин муассисаҳо, корҳои табғиботӣ**

1) Барқарорсозии робитаҳои мутақобила бо истифодабарандагони маҳсули муассисаи таълимӣ барои кор ё таҳсили минбаъдаи хатмкунандагон, талаботи касбии корфармо ё муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба довталабон.

2) Барқарорсозии ҳамкориҳои иҷтимоӣ бо корфармо.

3) Мувофиқа кардани барномаҳои таълимӣ бо муассис, корфармо ё муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ.

4) Пайдо кардани сарпарастон аз ҷумлаи кордиҳандаҳо ё муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ташкилоти маҳаллию байналмилалӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва ғайра.

5) Корҳои таблиғотӣ дар байни кордиҳандаҳо.

**Банақшагирии мухтавои таълим, коркард ва иҷрои барномаҳои таълимӣ, таъминоти методӣ ва моддии раванди таълим, ташкили фаъолияти илмию методӣ**

1) Таҳия ва иҷрои барномаҳои таълимӣ дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи муассис, кордиҳанда ё муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ.

2) Дастрассозии таълим бо дастурҳои методӣ.

3) Таҳияи дастурҳои методӣ.

4) Таъмини омӯзгорон ва хонандагон бо китобҳои дарсӣ.

5) Таҳияи китобҳои дарсӣ ва тахассусӣ.

6) Таъмини муассисаи таълимӣ бо воситаҳои таълимию методӣ, таҳким ва рушди пояи моддию-техникии муассиса.

7) Компютерикунонии раванди таълим ва дастрасӣ ба Интернет, ташкили хизматрасониҳои китобхона ва иттилоотӣ.

8) Ташкили синфхонаҳои фаннӣ ва ихтисосӣ.

9) Ба роҳ мондани фаъолияти илмию методии омӯзгорон, кори шӯрои муҳандисию омӯзгорӣ, шӯрои методӣ ва кабинети методӣ.

10) Таҳия ва иҷрои нақшаи корҳои таълимии беруназсинфӣ ва кори маҳфилҳои фаннӣ.

11) Таҳия ва иҷрои нақшаи корҳои тарбиявӣ (иҷтимоӣ-маишӣ) дар раванди таълим ва берун аз дарс, ба роҳ мондани кори маҳфилҳои фарҳангӣ, варзишӣ ва ғайра.

**Ташкили таҷрибаомӯзии хонандагон**

Дар ташкили таҷрибаомӯзии хонондагон (касбомӯзон) бояд дар назар дошт, ки ин шакли фаъолият қисми ҷудонашавандаи тарбияи мутахассисон буда, барои бадастории ҳадафҳои зерин равона шуда аст:

1) Таҷрибаомӯзии истеҳсолии хонандагони (касбомӯзони) муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва таълими калонсолон, бояд мақсади мустаҳкам ва амиқтар кардани донишҳои назариявӣ, пайдо кардани маҳорат, малака ва таҷрибаи касбии кори амалӣ аз рӯйи ихтисоси омӯхташавандаро дошта бошад.

2). Таҷрибаомӯзии истеҳсолиии хонандагон (касбомӯзон) марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҷрибаомӯзӣ барои пайдо кардани маҳорат ва малакаи касбии ибтидоӣ (таълимӣ);
- таҷрибаомӯзӣ аз рӯйи самти ихтисос (шиносоӣ, технологӣ);
- таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ (тахассусӣ ё коромӯзӣ).

3). Вазифаи таҷрибаомӯзии таълимӣ ин пайдо кардани маҳорат ва малакаи касбии ибтидоӣ, тайёр намудани хонандагон (касбомӯзон) ба омӯзиши амиқи фанҳои умумикасбӣ ва ихтисос, одат кунонидани онҳо ба маҳорат ва малакаи амалии касбӣ аз рӯйи касбу ихтисоси интихобкарда мебошад.

4). Таҷрибаомӯзӣ аз рӯи самти ихтисос (шиносоӣ, технологӣ) бояд ба шиносоӣ бо истеҳсолот, муастаҳкамкунӣ, васеъкунӣ, амиқкунӣ ва танзимсозии донише, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои касбӣ ба даст омадааст, равона шуда бошад.

5). Таҷрибаомӯзии пешаздипломии хонандагон марҳилаи хотимавии таҳсил буда, бо мақсади соҳиб гардидани онҳо ба маҳорати аввалиндараҷаи касбӣ ва санҷидани тайёрии касбии мутахассиси оянда ба фаъолияти меҳнатии мустақил ва ҷамъоварии маводҳо барои кори дипломӣ (хаттӣ - имтиҳонотӣ) гузаронида мешавад.

6). Коромӯзии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ яке аз намудҳои гузаронидани таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ мебошад. Он дар ҳолате гузаронида мешавад, ки дар аттестатсияи давлатии ҷамъбастӣ иҷро кардани лоиҳаи (кори) дипломӣ пешбинӣ нагардида бошад.

7). Мундариҷаи ҳамаи марҳилаҳои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (касбӣ) тибқи барномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (касбӣ) муайян карда мешавад.

8). Таҷрибаомӯзӣ барои пайдо кардани маҳорат ва малакаи касбии ибтидоӣ дар устохонаҳои таълимӣ, таълимӣ - истеҳсолӣ, хоҷагии таълимӣ, минтақаҳои таълимӣ - таҷрибавӣ ва дигар объектҳои ёрирасони муассисаи таълимӣ гузаронида мешавад.

9). Таҷрибаомӯзии технологӣ (шиносоӣ) ва пешаздипломӣ дар корхонаҳои базавӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳо дар асоси шартномаи байни корхона ва муассисаи таълимӣ гузаронида мешавад.

10). Хонандагони (касбомӯзони) муассисаҳои таълимӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ (касбӣ) дар ташкилотҳо вазифадоранд, ки супоришҳои дар барномаи таҷрибаомӯзӣ нишондодашударо пурра иҷро намоянд, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии дар ташкилот амалкунанда ва қоидаҳои бехатарии зиддисӯхториро риоя намоянд.

11). Роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таълимӣ бояд алоқаро бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз ташкилотҳо мустаҳкам намуда, якҷоя барномаи кории гузаронидани таҷрибаомӯзиро таҳия намоянд.

## Таъмини раванди таълим бо кадрҳо

1) Таҳия ва иҷрои барномаҳои кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлати таъминоти кадрӣ дар мувофиқа бо муассис ва мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳал.

2) Барқарорсозии робита бо хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ барои ҷалб барои кори омӯзгорӣ ва устои таълими истеҳсолӣ.

3) Ба роҳ мондани корҳои касбинтихобкунӣ дар байни хонандагони муассиса, ки майлу рағбат ба касби омӯзгорӣ ва устои таълими истеҳсолӣ доранд.

4) Ҳалли масъалаи таъминоти кадрӣ бо роҳи бастани шартномаҳо бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, корхонаю ташкилоти маҳаллӣ, омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ.

5) Таҳия ва иҷрои нақшаи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ.

6) Дастгирии иҷтимоии омӯзгорон, устоҳои таълимӣ ва кормандони муассиса.

## Ташкили усулҳои нави таълим, ҳавасмандгардонии барои таълими босифат

1) Ташкили таълими модулӣ, бисёрзинагӣ, усулҳои навгонии фаъоли таълим ва шаклҳои дигари мутобиқ ба талаботи замони муосир.

2) Муайянсозии роҳҳои ҳавасмандгардонии таълимгирандагон барои таҳсилоти сифатнок.

## Намунаи усулҳои ҳавасмандгардонии таълимгирандагон

1). Фаҳмондадиҳии зарурати донишҳо ва аҳамияти онҳо барои амалия.

2). Ташкили раванди дарс ба тарзе, ки зарурати омӯзиши ин маводи таълимӣ ба хонанда (касбомӯз) маълум гарда два дар ин асос минбаъд хонанда (касбомӯз) худназораткунӣ ва худбаҳодиҳиро ташкил карда тавонад.

3). Вобаста ба вазъият ва қобилияти хонандагони (касбомӯзони) алоҳида ташкил намудани шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии таълими хонандагон (касбомӯзон).

4). Такмили тарбияи касбии хонандагон:

- ташаккули қобилияти мутобиқшавӣ дар фаъолияти касбӣ;
- татбиқи усули таълими касбӣ бо назардошти талаботи оянда;

- ба шароити минтақа ва талабот мутобиқ сохтани таълими касбии хонандагон (касбомӯзон);

- истифода аз усулҳои таълим, ки ба амалия равона шудаанд ва ё ба татбиқи пурраи технологияҳои иттилоотӣ асос ёфтаанд.

5). Истифода аз баҳогузорӣ чун воситаи ҳавасмандсозӣ бо таҳлили сифатии натиҷаҳои таълим – таъкид намудани тамоми лаҳзаҳои мусбати донишазхудкунии хонанда (касбомӯз) ва ё сабабҳои номуваффақии ӯ дар самти азхудкунии маводи таълимии мушаххас.

6). Дастгирии иҷтимоии хонандагон.

## Мониторинги сифати таълим

1) Таъсис ва ташкили фаъолияти шуъба (бахш, гурӯҳ)-и идоракунии сифати таълим ва таъини муовини роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба такшили раванди таълимӣ ва идораи сифати таълим (мухтасаран: муовин оид ба таълимӣ-методӣ ва сифат).

2) Арзёбӣ тибқи барномаи санҷиши сатҳи сифати таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон.

## Намунаи барномаи санҷиши сатҳи сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидои касбӣ ва таълими калонсолон

1). Мавҷудияти Низомнома ва Оинномаи муассисаи таълимӣ. Сохтори муассисаи таълимӣ.

2). Теъдоди хонандагон (касбомӯзон) дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона (буҷавӣ ва шартномавӣ, таносуби онҳо). Нақшаи қабули хонандагон (касбомӯзон). Риояи замимаи иҷозатнома ва сифати қабул.

3). Нақшаҳои таълимӣ вобаста ба ихтисосҳо. Барномаҳои таълимии намунавӣ. Нақшаҳои тақвимӣ. Матни лексия ва нақшаи дарси омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ.

4). Иҷрои Қонун, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидои касбӣ ва таълими калонсолон.

5). Таъминот бо кадрҳои муҳандисӣ - омӯзгорӣ. Омӯзгорони доимӣ, ҳамкор ва дараҷаи тахассусидошта. Омӯзгорони ҷавони то 35-сола. Нақшаи такмили ихтсоси омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ.

6). Масоҳати таълимии муассисаи таълимӣ. Таъминот бо синфхона, кабинетҳои таълимӣ, лаборатория ва устохонаҳои таълимӣ. Хобгоҳи хонандагон.

7). Миқдори компютерҳо ва таҷҳизонидани синфхонаҳои компютерӣ. Мавҷудияти почтаи электронӣ ва Интернет. Вақти мошинӣ дар як сол барои як хонанда (касбомӯз).

8). Баррасии сатҳи сифати таълим дар шӯрои педагогӣ ва ҷаласаҳои назди роҳбари муассиса ва ҷузъҳои таркибии он.

9). Ҳолати ташкили корҳои мустақилонаю инфиродии хонандагон ва таъминоти онҳо бо адабиёт ва коркардҳои методӣ.

10). Китобхонаи муассиса. Таъминот бо китобҳои дарсӣ (умумитаълимӣ ва тахассусӣ), методӣ ва бадеӣ. Қироатхонаи муассисаи таълимӣ.

11). Фаъолияти кормандони муассисаи таълимӣ оид ба таҳия ва чопи дастуру васоити таълимию методӣ дар ду соли охир.

12). Иштироки роҳбарони муассисаи таълимӣ, омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ ба дарсҳои таълими назариявӣ ва истеҳсолӣ. Таҳлили дарсҳо. Татбиқ ва истифодаи усулҳои фаъоли таълим, технологияи нав, навоварӣ дар машғулиятҳо.

13). Санҷиши сатҳи дониши хонандагон (касбомӯзон) тибқи гузаронидани пурсишҳои шифоҳӣ, корҳои хаттӣ ва тестӣ.

14). Корҳои тарбиявӣ дар муассиса.

15). Гузаронидани пурсишнома дар байни хонандагон (касбомӯзон) бо мақсади баҳо додан ба сифати таълим.

16). Барномаи санҷишӣ барои экспертҳои тахассусӣ ва намунаи нақшаи таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати дарсҳо (замима мегарданд).

## Барномаи санҷишӣ барои экспертҳои тахассусӣ

1). Нақшаи таълимӣ. Барномаҳои таълимии намунавӣ вобаста ба ихтисос. Нақшаи тақвимӣ. Матни лексия ва нақшаи дарси омӯзгор.

2). Баҳо ба ташкили раванди таълим.

3). Мавҷудият ва истифодаи лабораторияҳо, кабинетҳо ва устохонаҳои таълимӣ вобаста ба ихтисос.

4). Мавҷудияти адабиёти таълимӣ ва методӣ дар китобхона оид ба ихтисос (ном, соли нашр, забони китоб).

5). Корҳои инфиродӣ ва мустақилонаи хонандагон (касбомӯзон). Таъминот бо адабиёт.

6). Таҳлили дарсҳои омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ. Татбиқи усулҳои фаъоли таълим, система ва технологияи нави таълимӣ дар дарс. Баҳо ба дарси омӯзгор.

7). Фаъолияти кормандони муассисаи таълимӣ оид ба таҳия ва чопи адабиёти таълимию методӣ дар ду соли охир.

8). Гузаронидани санҷиши хаттии сатҳи дониши хонандагон (касбомӯзон) (тибқи ҷадвали замимашуда).

## Нақшаи таҳлил ва баҳодиҳӣ ба сифати машғулиятҳо

1). Фанни таълимӣ.
2). Мавзӯъ (лексия, амалӣ, семинарӣ).
3). Омӯзгор (доимӣ, ҳамкор).
4). Сана, синфхона.
5). Шуъба, комиссияи методӣ, ихтисос, курс, гурӯҳ.
6). Иштироки хонандагон:

- мувофиқи журнал;
- иштироки воқеӣ;
- дер монданд.

7). Мавҷудияти барномаи таълимӣ. Мувофиқати мавзӯъ ба барнома ва нақшаи тақвимӣ ва қайди мавзӯъ дар журнали гурӯҳ. Мавҷудияти матни лексия, нақшаи дарс, коркардҳои методӣ оид ба ин намуди машғулият.

8). Истифодаи аёният, воситаҳои техникии таълимӣ, маводи таълимӣ ва баҳо ба вазъи синфхона.

9). Баҳо ба қисматҳои дарс, омодагии хонандагон (касбомӯзон) ба дарс.

10). Сатҳи илмии мавзӯъ ва маҳорати касбии омӯзгор.

11). Алоқаи назария бо амалия ва вобаста кардани мавзӯи дарс ба самти ихтисос.

12). Истифодаи усулҳо ва технологияи нави муосир дар таълим.

13). Ҷиҳати тарбиявии дарс.

14). Хулоса, тавсия ва пешниҳодҳо ба дарси омӯзгор.

15). Имзоҳо: омӯзгор; эксперт.

**Натиҷаи санҷиши корҳои тестии хонандагон**
**(вобаста ба ихтисосҳо)**

| т/р | Фанҳои таълимӣ | Шуъба, ихтисос, курс, гурӯҳ | Ҳамагӣ | Иштирок | Баҳо | | | | Ҳисоби миёна | Фоизи баҳои мусбӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 5 | 4 | 3 | 2 | | |
| 1. | | | | | | | | | | |
| Ҷамъ | | | | | | | | | | |

______________________________
(Имзо ва ному насаби эксперт)

3). Баҳогузорӣ ба сатҳи дониши ҳар як хонанда (касбомӯз).

**Намунаи баҳогузорӣ ба сифати таҳсилоти ҳар як хонанда (касбомӯз)**

Дар баҳогузорӣ ба фаъолияти хонанда (касбомӯз) метавон баҳои анъанавӣ (тибқи меъёрҳои қабулшуда) ё шкалаи садхолии пешниҳодшударо истифода намуд:

| Фоиз | Бо ҳуруфи лотинӣ | Ифодаи рақамии баҳо | Баҳо мувофиқи низоми панҷхолӣ |
|---|---|---|---|
| 95-100 | A | 4,0 | Баҳои «5» |
| 90-94 | A- | 3,67 | Баҳои **«5-»** |
| 85-89 | B+ | 3,33 | Баҳои «4+» |
| 80-84 | B | 3,0 | Баҳои «4» |
| 75-79 | B- | 2,67 | Баҳои «4-» |
| 70-74 | C+ | 2,33 | Баҳои «3++» |
| 65-69 | C | 2,0 | Баҳои «3+» |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 60-64 | C- | 1,67 | Баҳои «3» |
| 55-59 | D+ | 1,33 | Баҳои «3-» |
| 50-54 | D | 1,0 | Баҳои «3- -» |
| 0-49 | F | 0 | Баҳои «2» |

4). Муайян кардани сабабҳои паст будани дараҷаи азхудкунии хонандагон (касбомӯзон) ва роҳҳои бартараф сохтани ин сабабҳо.

Гузаронидани пурсишнома дар байни хонандагон (касбомӯзон) ба мақсади муайян намудани омилҳои паст будани сифати таҳсилот, дархостҳои таълимии онҳо.

**Намунаи пурсишнома**
**оид ба омилҳои паст будани сатҳи**
**донишазхудкунии хонандагон (касбомӯзон)**

| № р/т | Омилҳо | Миқдори (хонандагон, касбомӯзон) |
|---|---|---|
| 1. | Нарасидани омӯзгорон ва ё устоҳои таълими истеҳсолӣ | |
| 2. | Ғайриихтисос дарс гуфтани омӯзгор ва ё устои таълими истеҳсолӣ | |
| 3. | Маоши пасти омӯзгор ва ё устои таълими истеҳсолӣ | |
| 4. | Ба талабот ҷавобгӯ набудани дарси омӯзгор ва ё устои таълими истеҳсолӣ | |
| 5. | Дониши казоӣ надоштани омӯзгор ва ё устои таълими истеҳсолӣ | |
| 6. | Бо хонанда дуруст муносибат накардани омӯзгор | |
| 7. | Холисона баҳо нагузоштани омӯзгор ва ё устои таълими истеҳсолӣ | |
| 8. | Бе тайёрӣ ба дарс омадани омӯзгор ва ё устои таълими истеҳсолӣ | |
| 9. | Талаботи ягона набудан нисбат ба хонандагон (касбомӯзон) | |
| 10. | Аз меъёр баланд ё паст баҳо гузоштан ба дониши хонанда (касбомӯз) | |
| 11. | Дуруст эътибор надодан ба иҷрои вазифаи хонагӣ | |
| 12. | Тайёр набудани хонанда ( касбомӯз) ба дарс | |
| 13. | Нарасидани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ | |
| 14. | Мутолиа накардани адабиёти бадеӣ | |
| 15. | Ба роҳ монда нашудани корҳои мустақилона | |
| 16. | Набудани шароити дурусти зист дар хона ё хобгоҳ | |
| 17. | Бесабаб ба дарсҳо иштирок накардан | |
| 18. | Пурра барқарор набудани саломатии хонанда (касбомӯз) | |
| 19. | Инкишофи суст аз ҷиҳати ҷисмонӣ, фикрӣ ва физиологӣ | |
| 20. | Интизоми суст | |
| 21. | Муносибати бад дар оила ва шароити бади иҷтимоӣ | |
| 22. | Камбудӣ дар нақша ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ | |
| 23. | Сабабҳои дигар | |

5).Худаттетстасияи муассисаи таълимӣ, омодагӣ ба иҷозатномадиҳии такрорӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи навбатии давлатӣ.

6). Аудити дохилии муассиса.

7).Фаъолияти коррексионӣ (ислоҳнамоӣ дар рафти фаъолият) ва пешгирикунанда.

8). Мониторинги (арзёбии) фаъолияти воҳидҳои сохтории муассиса.

9).Мониторинги (арзёбии) қаноатмандии истифодабарандагони маҳсули муассиса.

**Таҳия ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳо ва болоравии минбаъдаи сифати таълим**

**Намуна аз шакли нақшаи чорабиниҳо**

| № р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Шакли иҷро | Масъулон | Муҳлат |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |